Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 1 сентябри соли 2005 № 341
тасдиқ шудааст

# Тартиби гузаронидани амалиёт бо ашёи хоми маъдани дорои металлҳои қиматбаҳо то холискорӣ

## I. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби мазкур муносибатҳои байни моликони ашёи хоми маъдани дорои металлҳои қиматбаҳо ва дигар иштирокчиёни бозорро дар ҳолатҳои зерин муайян менамояд:

тағйир додани ҳолати физики ё таркиби металлҳои қиматбаҳо дар ашёи хоми маъдан ё худ маҳсулоти коркарди он ҳангоми истихроҷ, тоза кардани маъдан ва дигаргункунии металлурги то холискори;

гузаштани ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои амволи ба ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он;

истифодаи ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он ба сифати гарав;

ҷойивазкуни ва нигоҳдории ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он.

2. Мафҳумҳои дар ин Тартиб истифодашаванда чунин маъно доранд:

ашёи хоми маъдан - маҳсулоти аз конҳои асоси ва пошхӯрда истихроҷ шуда, партовҳои саноати истихроҷи маъдан ва металлургия, инчунин маҳсулоти коркарди онҳо;

маҳсулоти коркарди ашёи хоми маъдан - консентратҳо, таҳшини тилло ва платина, хӯлаи Доре, металли катоди ва таҳшинҳои руҳи.

3. Тартиби мазкур ба воридоти ашёи хоми маъдан ба ҳудуди Тоҷикистон ва содироти он аз ҳудуди Тоҷикистон, инчунин ба амалиёт бо порчаҳои худрӯйи металлҳои қиматбаҳое, ки ба гурӯҳи фулузоти нодир дохил шудаанд ва холис карда намешаванд, дахл надорад.

## II. Амалиёти вобаста ба тағйироти ҳолати физики ё миқдори металлҳои қиматбаҳо дар таркиби ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он

4. Тағйироти ҳолати физики ё миқдори металлҳои қиматбаҳо дар ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он дар ҷараёни коркарди

маъдан дар корхонаҳои тозакуннии истеҳсолоти металлурги дар чалакҳо, ҳангоми шустани регҳо дар дастгоҳҳо ва асбобҳои маъданшӯйи, тоза намудани консентратҳо дар корхона ва дастгоҳҳои таҳшинкуни ва тозакуни дар дастгоҳҳои ишқоронии зеризамини ва тӯдави ва дар дигар объектҳои коркарди ашёи хоми маъдан, сурат мегирад.

5. Коркарди ашёи хоми маъдан бояд мутобиқи лоиҳаи технологи гузаронида шавад ва ба натиҷаҳои тадқиқоти ашёи хоми маъдан асос ёбад. Ҷараёнҳои технологи дар шароити бехатари кор бояд пурра ва аз нигоҳи иқтисоди мақсаднок ҷудо намудани ҳамаи таркибҳои фоиданоки дар ашёи хоми маъдан мавҷудбударо таъмин намояд.

6. Баҳисобгирии ашёи хоми маъдан дар ташкилотҳо, сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқиашон, ба воситаи назорати лаборатори аз болои риояи ҷараёни технологии тозакуни, коркард ва ҳамлу нақл дар мутобиқати қатъии нақшаи мӯҳлатноки тасдиқшуда, ё харитаи назорат, ки барои ташкилотҳо ва корхонаҳои соҳави аз ҷониби пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқоти ё ташкилотҳои конструкторию технологи таҳия шудааст, бурда шуда, балансҳои (моҳона, семоҳа, солона) металлурги тартиб дода мешаванд.

7. Ба ҳар гурӯҳи ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он сертификат (шиноснома) дода мешавад, ки дар он маълумоти зерин зикр меёбад:

- номгӯи ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он;
- рақами гурӯҳ;
- вазни гурӯҳ (дар намуди табиий ва хушк);
- намноки;
- миқдори омехтаҳои зараровар ва назоратшавандаи дигар;
- таркиби металлҳои қиматбаҳо;
- миқдори металлҳои қиматбаҳо;
- дигар хусусиятҳое, ки сифати ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди онро нишон медиҳанд.

## III. Гузаронидани амалиёти вобаста ба гузариши ҳуқуқи моликият ба ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он

8. Ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он (маҳсулоти нимтайёри дорои металлҳои қиматбаҳо), ки мувофиқи шартномаи қаблан басташуда барои таъмин намудани металлҳои холисшуда ӯҳдадорие надошта бошанд, метавонанд то холискори шудан аз тарафи корхонаҳои

истихроҷу истеҳсолкунандаи онҳо ба шахсони ҳуқуқие, ки барои гузаронидани амалиёт бо металлҳои қиматбаҳо иҷозатнома (литсензия) доранд, аз ҷумла тавассути биржаҳо фурӯхта шаванд, ё худ ба сифати гарав ё ӯҳдадориҳои дигари молияви истифода гарданд.

9. Муомилоти ба гузариши ҳуқуқи моликият ба ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он, инчунин бо истифодаи он ба сифати гарав вобаста, бо шартномаи дахлдор ба расмият дароварда мешаванд.

10. Гузариши ҳуқуқи моликият ба ашёи хоми маъдан ё ба маҳсулоти коркарди он тибқи Шартнома муайян карда мешавад. Дар Шартнома маълумоти зерин инъикос меёбад:

- номгӯи ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он;

- ҳаҷм ва мӯҳлати (ҷадвали) таҳвил додан;

- миқдори металлҳои қиматбаҳо;

- нархи металлҳои қиматбаҳо ва арзиши онҳо;

- тартибу шартҳои таҳвил ва пардохт;

- шартҳои интиқол ва қабули ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он;

- масъулияти тарафҳо.

11. Нархҳои ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он аз тарафи молики он бо дарназардошти нархҳои металлҳои қиматбаҳои холисшуда дар бозори ҷаҳони мустақилона муайян карда мешаванд.

12. Истифодаи ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он ба сифати гарав мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

## IV. Интиқол ва нигоҳдории ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он

13. Молики ашёи хоми маъдан ё маҳсулоти коркарди он ҳифз ва беосеб нигоҳ доштани металлҳои қиматбаҳои дар таркиби ин ашё мавҷудбударо дар тамоми марҳилаҳои истихроҷ, коркард ва интиқоли он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.